34564 - Рӯза гирифтан бо нияти қазо ва нафлӣ

савол

Оё рӯзаи нафлӣ бо ду ният, нияти қазои рӯзаи Рамазон ва нияти рӯзаи суннат ҷоиз аст? Ҳукми рӯза гирифтан барои мусофир ва бемор чист, агар ба рӯза доштан қодир бошанд? Пас оё (дар ин ҳолат) рӯза аз онҳо пазируфта мешавад ё на?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Рӯзаи нафлӣ бо ду ният, нияти қазо ва нияти рӯзаи суннат ҷоиз нест.

Барои мусофири сафари қаср беҳтар аст, ки рӯза нагирад, вале агар рӯза бигирад, кифоя аст (ва рӯза аз зиммааш соқит мешавад). Барои касе, ки ба сабаби беморӣ рӯза гирифтан барояш бисёр машаққатовар аст, беҳтар аст, ки рӯза нагирад. Агар бидонад ва ё гумони зиёд дошта бошад, ки бо сабаби рӯза ба ӯ зарараре мерасад ва ё ба ҳалокат мерасад, пас дар ин ҳолат, ба хотири бартараф намудани машаққату зарар, бояд ифтор бикунад (яъне бояд рӯзаашро бихӯрад). Бар ҳар як аз мусофир ва бемор воҷиб аст, ки рӯзҳоеро, ки дар Рамазон хӯрдааст, дар рӯзҳои дигар қазои онро баҷо оварад, вале агар бо вуҷуди машаққат рӯза бигирад, рӯзааш кофӣ ва дуруст аст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.